# ХУЛОСА

оид ба натиҷаи чорабинии аудитории **Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар давраи солҳои 2024-2025.

1. Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1, 7 ва 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва моддаи 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯйи натиҷаи чорабинии аудитории Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз моҳи июни соли 2024 то моҳи ноябри соли 2025, омода гардида, дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб тасдиқ карда шудааст.

2. Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кумита) мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки сиёсати ягонаи давлатиро дар самти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таълиму тарбия, фаъолияти илмию техникӣ, истеҳсолӣ, касбомузӣ, дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоии тарбиятгирандагон, шунавандагон, таълимгирандагон, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ амалӣ менамояд.

3. Дар Кумита соли 2024 тибқи Нақшаи кории Кумита 9 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як барномаи соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод шуда, аз он 4 лоиҳа қабул ва 5 лоиҳаи дигар дар баррасӣ қарор дорад.

4. Тибқи ҳисоботи Кумита дар ҷумҳурӣ 65 литсейи касбии техникӣ бо фарогирии 23,5 ҳазор нафар хонанда ва 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо фарогирии 106,0 ҳазор донишҷӯ фаъолият доранд. Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дорои 97 бино ва иншооти таълимӣ буда, аз ин 83 биною иншоот дар ҳолати хуб ва 14 биною иншоот дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

4.1. Аз шумораи умумии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 6 адади он дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 12 адади он ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

4.2. Дар соли таҳсили 2024-2025 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии кишвар 23,0 ҳазор нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд (аз ин дар заминаи синфи 9 -2011 нафар ва дар заминаи синфи 11-2986 нафар), ки аз ин шумора 54 нафар ятими кулл, 705 нафар нимятим ва 205 нафар маъюб мебошанд.

4.3. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ 1,6 ҳазор нафар омӯзгор ва 978 нафар устоҳои таълими истеҳсолӣ фаъолият мекунанд, ки дар маҷмуъ 2583 нафарро ташкил медиҳанд.

4.4. Вазъи тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар соли 2024 тибқи таҳлилҳо нишон доданд, ки аз шумораи 8073 нафар хатмкардагон 2235 нафар (28,0%) бо ҷойи кор таъмин шуда, 2018 нафар (25,0%) барои идомаи таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дохил шуда, инчунин 1471 нафар (18,0%) ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, 2349 (29,0 %) бо ҷойи кор таъмин нагардидаанд.

5. Қабули довталабон барои соли таҳсили 2024-2025 тавассути имтиҳонҳои марказонидашудаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 29998 нафар (дар заминаи синфи 9 - 14409 нафар ва дар заминаи синфи 11 – 15589 нафар) довталаб қабул гардидааст.

5.1. Тибқи нақшаи қабул дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи санъат ва фарҳанг 1316 ҷой пешбинӣ шуда, ба муассисаҳои таълимии мазкур 1051 нафар довталаб ё 78,2 фоизи нақшаи қабулро ташкил медиҳад. Инчунин, тибқи нақша ба шуъбаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 2846 нафар ҷой пешбинӣ гардида, 2057 нафар ё 72,3 фоизи нақшаи қабулро ташкил медиҳад.

5.2. Дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба аттестатсияи хатм аз 21702 нафар хатмкунандагони шакли таҳсили рӯзона ва ғоибона баъди пурра аз бар намудани нақша ва барномаҳои таълимӣ 21324 нафар (98,3 %) роҳ дода шуда, 378 нафар (1,7 %) бо сабабҳои гуногун (қарзи академӣ, маблағи таҳсил) ба аттестатсияи давлатӣ роҳ дода нашуданд. Аз теъдоди хатмкунандагон 16617 нафар (3 ҳазору 263 нафар буҷавӣ ва 13 ҳазору 354 нафар шартномавӣ) шакли таҳсили рӯзона ва 4707 нафар (1069 нафар буҷавӣ ва 3638 нафар шартномавӣ) шакли таҳсили ғоибона мебошанд.

5.3. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 98551 нафар донишҷӯй (73914 нафар духтар) дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 2991 нафар хонанда (777 нафар духтар) дар шуъбаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 8617 нафар омӯзгор (3766 зан) ва 98 нафар устои таълими истеҳсолӣ дарс медиҳанд, ки аз онҳо 28 нафар (13 нафар зан) доктори илм ва 247 нафар (48 нафар зан) номзади илм мебошад.

5.4. Таъминоти кадрии дорои унвонҳои илмӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии шаҳри Душанбе – 8 доктори илм ва 72 номзади илмҳо, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 7 доктори илм ва 52 номзадҳои илм, дар вилояти Хатлон – 7 доктори илм ва 71 номзади илмҳо ва дар вилояти Суғд – 5 доктори илм, 52 номзади илмҳо фаъолият менамоянд, ки нисбат ба соли 2023 доктори илм 1 нафар кам ва номзадҳои илм 140 нафар зиёд гаштааст.

5.5. Соли 2024 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро 8073 нафар (2674 нафар духтарон) ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро 21324 нафар хатм намуданд.

5.6. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ зиёда аз 1200 нафар омӯзгор ба корҳои илмию таҳқиқотӣ машғул мебошанд, ки аз инҳо 950 унвонҷӯ, 74 докторанти PHD ва 176 нафар магистрант мебошанд.

5.7. Дар соли 2024 зиёда аз 1400 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз такмили ихтисос гузаронида шуданд.

5.8. Сатҳи донишандӯзии хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 68,2%, сифати таҳсилот 27% ва сатҳи донишандӯзии донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ 71,2 % ва сифати таҳсилот 34,5 % -ро ташкил медиҳад.

5.9. Дар муассисҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 28820 ҷойи нишаст ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 58130 ҷойи нишаст мавҷуд аст.

Ҳамзамон, теъдоди ихтисосҳоро дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 135 номгӯй ба 500 номгӯй ва дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад.

6. Таҳлили ҳисоботҳои фаъолияти Кумита дар нуҳмоҳи соли 2025 нишон дод, ки айни замон, дар 66 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи 14 самт (иқтисодиёт, техника ва технология, нақлиёт, техникаи радиоэлектронӣ, энергетика, саноати кимиёӣ, саноати сабук, саноати кӯҳӣ, меъморӣ ва сохтмон, кишоварзӣ, металлургия, телекоммуникатсия, сайёҳӣ ва меҳмондорӣ, хизмати маишӣ ва хӯроки умумӣ) ва 300 касбу ихтисос кадрҳои коргарӣ омода карда мешавад, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 165 касбу ихтисос зиёд мебошад.

6.1. Таҳлили вазъи кадрӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ нишон дод, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 168 нафар омӯзгорону устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ зиёд гардидааст, ки аз ин шумора 72 нафар устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ ва 96 нафар омӯзгор мебошад.

6.2. Аз теъдоди умумии 1808 нафар омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 1368 нафар (75,8 фоиз) бо таҳсилоти олии касбӣ, 363 нафар (20 фоиз) бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 77 нафар бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ (4,2 фоиз) фаъолият доранд.

6.3. Аз теъдоди умумии 943 нафар устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ 455 нафар (48,3 фоиз) бо таҳсилоти олии касбӣ, 378 нафар (40 фоиз) бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 110 нафар (11,7 фоиз) бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият карда истодаанд.

6.4. Таҳлилҳо нишон дод, ки 28 нафар омӯзгор ва 22 нафар устои таълими истеҳсолӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ намерасад.

6.5. Дар давраи таҳти аудит қарор дошта (бо назардошти қабули хонандагон) дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 28312 нафар (7898 духтар) таҳсил намуда истодаанд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи умумии хонандагон 4869 нафар зиёд мебошад.

6.6. Аз шумораи 28312 нафар хонанда, 25198 нафар (89,1 фоиз) дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва 3114 нафар (10,9 фоиз) дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил доранд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2024-ум 4869 хонанда зиёд буда, таносуби афзоиши хонандагон дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба мушоҳида мерасад.

6.7. Дар ин давра дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 211 нафар хонандаи маъюб (55 нафар духтар), 46 нафар хонандаи ятими кул (10 нафар духтар) ва 689 нафар нимятим (93 нафар духтар) таҳсил карда истодаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта хонандагони маъюб 6 нафар (3 нафар духтар) зиёд, ятими кул 8 нафар (5 нафар духтар) ва нимятим 16 нафар (12 нафар духтар) кам гардидааст.

6.8. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 207 озмоишгоҳ ва устохонаи таълимӣ-истеҳсолӣ бо 3654 ҷойи нишаст мавҷуд аст.

6.9. Таҳлилҳо собит намуд, ки 80 дарсад озмоишгоҳҳои фаннӣ ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй набуда, дар 44 муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ озмоишгоҳҳои муосир аз фанҳои химия, физика ва биология намерасад.

7. Нақшаи қабули хонандагон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар соли таҳсили 2025-2026 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон тасдиқ гардида 17706 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 14716 (83%) нафар буҷетӣ ва 2990 нафар (17%) шартномавӣ мебошад.

7.1. Дар соли 2025 муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро 8844 нафар хонанда хатм намуданд, ки 2418 нафари онҳоро духтарон ташкил медиҳанд.

7.2. Аз теъдоди 8844 нафар хатмкарда 6613 нафар (74,7%) дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ бо гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ (таҳсили 2 сола) ва 2231 нафар (25,2%) дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (таҳсили 1 сола) мебошанд.

7.3. Аз теъдоди умумии хатмкардагон 8254 нафар ё 93,3% тариқи буҷетӣ ва 590 нафар ё 6,67% тариқи шартномавӣ муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро хатм карданд. Ҳамчунин, 48 нафар хонандаи дорои имконияти маҳдуддошта ва 42 нафар ятими кулл литсейҳои касбии техникиро хатм намуданд.

7.4. Аз теъдоди умумии хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 3741 нафар (42,3%) бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда шуда, 3502 нафар (39,5%) тариқи идомаи таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дохил гардида, 1 ҳазору 601 нафар (18,2%) бо ҷойи кори доимӣ таъмин нагардида, эҳтимолияти мустақилона ворид шудан ба бозори меҳнат ва хизмат кардан дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳро доранд.

7.5. Ба ҳолати моҳи сентябри соли 2025 (бо назардошти қабули хонандагон) дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 28312 нафар (7898 духтар) таҳсил намуда истодаанд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи умумии хонандагон 4869 нафар зиёд мебошад.

7.6. Аз шумораи 28312 нафар хонанда, 25198 нафар (89,1 фоиз) дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва 3114 нафар (10,9 фоиз) дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил доранд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2024-ум 4869 хонанда зиёд буда, таносуби афзоиши хонандагон дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба мушоҳида мерасад.

7.7. Ба ҳолати мазкур дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 211 нафар хонандаи маъюб (55 нафар духтар), 46 нафар хонандаи ятими кул (10 нафар духтар) ва 689 нафар нимятим (93 нафар духтар) таҳсил карда истодаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта хонандагони маъюб 6 нафар (3 нафар духтар) зиёд, ятими кул 8 нафар (5 нафар духтар) ва нимятим 16 нафар (12 нафар духтар) кам гардидааст.

7.8. Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 2751 нафар, аз ҷумла 1808 нафар (857 нафар зан) омӯзгор ва 943 нафар (298 нафар зан) устои таълимӣ-истеҳсолӣ фаъолият карда истодаанд.

7.9. Таҳлили вазъи кадрӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ нишон дод, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 168 нафар омӯзгорону устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ зиёд гардидааст, ки аз ин шумора 72 нафар устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ ва 96 нафар омӯзгор мебошад.

7.10. Аз теъдоди умумии 1808 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 1368 нафар (75,8%) бо таҳсилоти олии касбӣ, 363 нафар (20 фоиз) бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 77 нафар бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ (4,2%) фаъолият доранд.

7.11. Аз теъдоди умумии 943 нафар устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ 455 нафар (48,3%) бо таҳсилоти олии касбӣ, 378 нафар (40%) бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 110 нафар (11,7%) бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият карда истодаанд.

7.12. Дар маҷмуъ, сатҳи азхудкунии барномаҳои таълимӣ аз фанҳои умумитаълимӣ дар ҷумҳурӣ 85,7 дарсад ва сифати таҳсилот 33,1 дарсадро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба нуҳ моҳи соли 2024, дар ҷумҳурӣ сатҳи донишазхудкунии барномаҳои таълимӣ 17,5 дарсад ва сифати таҳсилот 6,1 дарсад афзудааст.

7.13. Дар маҷмуъ, сатҳи донишандӯзии хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз фанҳои тахассусӣ дар ҷумҳурӣ 81,3 дарсад ва сифати таҳсилот 32,2 дарсадро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба нуҳ моҳи соли 2024, дар ҷумҳурӣ сатҳи донишазхудкунии барномаҳои таълимӣ 12,5 дарсад ва сифати таҳсилот 5,2 дарсад афзоиш ёфтааст.

8. **Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ**. Айни ҳол, дар ҷумҳурӣ 86 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (аз ин теъдод 59 муассисаи давлатӣ ва 27 муассиса) ва 6 филиал фаъолият менамоянд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 2 муассисаи таълимӣ кам гардидааст. Дар муассисаҳои мазкур аз рӯйи самтҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, фарҳанг, кишоварзӣ, иқтисодӣ, технологӣ, техникӣ, муҳандисӣ-омӯзгорӣ, ҳуқуқ, таъмини бехатарӣ ва аз рӯйи зиёда аз 344 номгӯйи ихтисос мутахассисон омода карда мешаванд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 135 адад номгӯйи ихтисос зиёд мебошад.

9. Соли ҷорӣ дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ қабули довталабон дар 78 муассисаи таълимӣ дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9) ва таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11) аз ҷониби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.

9.1. Тибқи нақшаи қабули довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ барои соли таҳсили 2025-2026 теъдоди 46313 ҷой пешбинӣ гардидааст, ки аз ин 10194 ҷой тариқи ройгон ва 36119 ҷой тариқи шартномавӣ (пулакӣ) мебошад. Қабули донишҷӯён то ба давраи аудитӣ ба истисноӣ даври иловагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 29402 нафар (духтар 21524 нафар) 63,4% нақшаи қабулро ташкил медиҳад.

9.2. Айни ҳол, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ теъдоди донишҷӯён ба давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Душанбе 18899 нафар, вилоятҳои Хатлон 38092 нафар, Суғд 22966 нафар, ВМКБ 368 нафар ва НТМ 6909 нафар, ҷамъ 97234 нафар ва аз он 71378 нафарро духтар ташкил медиҳанд.

9.3. Инчунин, дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбии назди коллеҷҳо бошад 3893 нафар, аз ҷумла 1016 духтарон ба таҳсил фаро гирифта шудааст, ки қабули хонандагон ба шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбии назди коллеҷҳо дар соли таҳсили ҷорӣ 2147 нафар, аз ҷумла духтар 550 нафарро ташкил дод.9.5. Дар ин муассисаҳо 7516 нафар омӯзгорон фаъолият менамоянд, ки аз ин 4982 нафар корманди асосӣ ва 1548 нафар ҳамкор мебошанд. Аз теъдоди умумии омӯзгорони асосӣ 46 нафар (15 нафар зан) доктори илм ва 113 нафар (45 нафар зан) номзади илм мебошанд.

9.4. Ҳамзамон, айни замон дар ин муассисаҳо 58 нафар омӯзгорон намерасанд.

9.5. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 97234 нафар донишҷӯй (71378 духтар) ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки теъдоди донишҷӯён нисбат ба соли 2024-ум 7138 нафар (7,9 фоиз) зиёд мебошад.

9.6. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ 481 номгӯйи китобҳои дарсии тахассусӣ намерасанд. То имрӯз дар умум 30 номгуи китобҳои дарсии зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ барои чоп омода гардида, 15 номгуи дигар ба миқдори 6010 нусха рӯи чоп гардонида шуда, ба муассисаҳои таълимӣ дастрас карда шудааст.

9.7. Тибқи маълумот 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 12 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба таъмири асосӣ ва 17 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба таъмири ҷорӣ ниёз дорад. Илова ба ин, 16 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ хобгоҳ надорад.

9.8. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сифати дониш 38,7 фоиз ва сатҳи донишазхудкунӣ 77,3 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 сифати дониш 5,4 % (соли гузашта 33,3%) ва сатҳи донишазхудкунӣ 2,7% (соли гузашта 74,6%) зиёд гардидааст.

10. Бояд қайд намуд, ки дар соҳи аз моҳи ноябри соли ҷорӣ Барномаи рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2029 қабул гардида, ҳадафҳои Барномаи мазкур аз фарогирии бештари хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ ва аз курси такмили ихтисос гузаштани онҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусии кадрҳо, сохтмон ва таҷдиди биноҳои таълимӣ, навсозии озмоишгоҳҳо ва устохонаҳои таълимию истеҳсолӣ, таҳияи стандартҳои салоҳият ва барномаҳои модулӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зиёд намудани нақшаи қабули донишҷӯён ва ҷорӣ намудани ихтисосҳои нав, таъмин намудани муассисаҳо бо таҷҳизоти муосир, вусъат додани рақамикунонии соҳа, баланд бардоштани сифати таҳсилот, татбиқи низоми таҳсилоти модулӣ ва салоҳиятнокӣ, инчунин фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа, махсусан ҷавонон ва занон иборат мебошад.

10.1. Татбиқи Барномаи мазкур имкон медиҳад, ки сифати таҳсилоти касбӣ дар кишвар ба таври назаррас беҳтар гардад, мутобиқати тайёр кардани кадрҳо ба талаботи бозори меҳнат таъмин шавад, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ афзоиш ёбад ва имкониятҳои шуғли пурмаҳсул барои шаҳрвандон, бахусус ҷавонон ва занон, фароҳам оварда шавад.

10.2. Барнома тавассути татбиқи барномаҳои таълимии нав, ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ, мутобиқсозии равандҳои таълим ба талаботи бозори меҳнат, инчунин рушди инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ, имконияти фароҳам овардани ҷойҳои нави кориро дар дохили кишвар зиёд менамояд.

10.3. Ҳаҷми умумии маблағгузории Барнома 400000,0 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети давлатӣ 256820,0 ҳазор сомонӣ, маблағҳои махсус 16060,0 ҳазор сомонӣ, шарикони рушд ва дигар сарчашмаҳо 127120,0 ҳазор

сомонӣ пешбинӣ гардида, тибқи тақсимоти пешбинишуда, барои самтҳои калидӣ, аз ҷумла таҷдиди инфрасохтор, такмили пояи моддию техникӣ, таҳияи маводи таълимӣ ва методӣ, татбиқи барномаҳои рақамикунонӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо равона мегардад.

11. Бояд қайд намуд, ки маблағҳои буҷетии нигоҳдории дастгоҳи марказии Кумита аз ҳисоби саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Лоиҳаи Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи касбию-техникӣ ва омӯзиш дар минтақаҳои кӯҳҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон), маблағҳои махсуси грантӣ ва маблағҳои махсуси Кумита ба сохтори буҷети ҷумҳуриявӣ дохил карда шудааст ва дар асоси сметаи ягонаи даромад ва хароҷотӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва махсуси буҷетӣ ба нақша гирифта мешавад.

11.1. Дастгоҳи марказии Кумита, дорои суратҳисоби алоҳида набуда, хароҷотҳои он аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ барои ҳар соли молиявӣ дар асоси нишондиҳандаҳои назоратӣ, хароҷотҳои аслӣ, дархостҳо ва ҳисобҳои пешакии хароҷотҳо амалӣ шуда, дар ин замина сметаи ягонаи даромад ва хароҷотӣ барои ҳар соли молиявӣ таҳия карда дар асоси он аз суратҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва суратҳисоби маблағҳои махсуси буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

11.2. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар **соли 2024** СЯДХ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории дастгоҳи марказии Кумита аз рӯйи 14 ГИБ ба маблағи 3718,2 ҳазор сомонӣ тасдиқу аниқ шуда, хароҷотҳои хазинаӣ 3715,9 ҳазор сомонӣ ё 99,9 фоизи нақша аз худ карда шудааст.

11.3. Дар 9 моҳаи **соли 2025** СЯДХ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории дастгоҳи марказии Кумита нақша аз рӯйи 14 ГИБ ба маблағи 4753,2 ҳазор сомонӣ тасдиқ ва ба маблағи 4781,8 ҳазор сомонӣ аниқ шуда, хароҷотҳои хазинавии он 3457,5 ҳазор сомонӣ ё 72,3 фоизи нақшаро дар бар гирифтааст.

11.4. Дар **соли 2024** СЯДХ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории дастгоҳи марказии Кумита аз рӯйи 3 ГИБ ба маблағи 8696,0 ҳазор сомонӣ тасдиқу аниқ шуда ва хароҷотҳои хазинавӣ пурра ба ҳамин маблағ ба амал бароварда шудааст.

11.5. Дар 9 моҳаи **соли 2025** СЯДХ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории дастгоҳи марказии Кумита аз рӯйи 2 ГИБ ба маблағи 10500,0 ҳазор сомонӣ тасдиқу аниқ шуда, хароҷотҳои хазинавии он 7012,0 ҳазор сомонӣ ё 66,8 фоизи нақша аз худ карда шудааст.

11.6. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар **соли 2024** СЯДХ ҷиҳати нигоҳдории дастгоҳи марказии Кумита, аз ҳисоби маблағҳои буҷетии саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи касбию-техникӣ ва омӯзиш дар минтақаҳои кӯҳҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи як ГИБ ба маблағи 9208,5 ҳазор сомонӣ тасдиқу аниқ шуда, хароҷотҳои хазинавии он 426,6 ҳазор 4,6 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

11.7. Дар 9 моҳаи **соли 2025** аз манбаъи мазкур маблағгузориҳо аз рӯйи як ГИБ ба маблағи 12961,1 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардида, нақшаи аниқшуда

ба маблағи 9720,8 ҳазор сомонӣ муайян карда шуда, хароҷотҳои хазинавии он 1730,7 ҳазор сомонӣ ё 17,8 фоизи нақшаро дар бар гирифтааст.

11.8. **Н**игоҳдории дастгоҳи марказии Кумита аз ҳисоби маблағҳои махсуси грантӣ аз рӯйи "Хароҷоти ҷорӣ ба ғайр аз таъмир" ба маблағи 424,3 ҳазор сомонӣ тасдиқу аниқ карда шуда, хароҷотҳои хазинавии он пурра ба амал баровarда шудааст.

11.9. Дар 9 моҳаи **соли 2025** бошад ба маблағи 435,7 ҳазор сомонӣ тасдиқу аниқ карда шуда, хароҷотҳои хазинавии он пурра ба амал баровarда шудааст.

11.10. Дар 9 моҳаи **соли 2025** дар алоҳидагӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои сохтмонҳои асосии Кумита аз рӯйи ГИБ 2.8.1.2. "Биноҳо ва иншоот" ба маблағи 4329,0 ҳазор сомонӣ тасдиқ ва аниқ карда шуда, хароҷотҳои хазинавии он 2661,6 ҳазор сомонӣ ё 61,5 фоизи нақша аз худ карда шудааст.

12. Омӯзиш ва таҳлили СЯДХ маблағҳои махсуси Кумита нишон дод, ки мувофиқи ҳисоботҳои пешниҳодгардида дар суратҳисоби махсуси Вазорат бақия ба ҳолати 01.01. соли 2024 ба сифр баробар мебошад.

12.1. Дар соли 2024 СЯДХ-и маблағҳои махсуси Кумита аз рӯйи воридот ва хароҷот ба маблағи 600,0 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, даромади маблағҳои махсус дар давраи соли молиявӣ 838,5 ҳазор сомонӣ ё 139,7 фоиз иҷро карда шуда, нисбати нақшаи аниқшуда ба маблағи 238,5 ҳазор сомонӣ зиёд даромад карда шудааст.

12.2. Дар ин давра иҷрои хароҷотҳои хазинавӣ дар доираи нақшаи тасдиқ шуда ба амал баровarда шуда, дар он ҳиссаи хароҷоти ГИБ 2.2.1.6. "Пардохти хизматрасонии мутахассисон" 582,0 ҳазор сомонӣ ё 97,0 фоиз ва ГИБ 2.2.1.3. "Маводи сухт ва равғанҳои молиданӣ" 18,0 ҳазор сомонӣ ё 3,0 фоизро ташкил додааст.

12.3. Бақияи маблағҳои махсуси Кумита ба ҳолати 01 январи соли 2025 маблағи 238,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

12.4. Барои 9 моҳаи **соли 2025** СЯДХ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории дастгоҳи марказии Кумита дар аввал аз рӯйи 9 ГИБ-ҳо ба маблағи 200,0 сомонӣ тасдиқ гардида, дар давоми соли молиявӣ аз рӯйи 2 ГИБ ба маблағи 2168,1 ҳазор сомонӣ зиёд ва аз рӯйи 6 ГИБ ба маблаӯи 38750,0 сомонӣ кам карда шудааст.

12.5. Дар натиҷа, аз рӯйи тағйиру иловаҳои воридкардашуда нақшаи аниқшудаи маблағгузориҳои буҷетии дастгоҳи марказии Кумита дар соли 2024 маблағи 2329,4 ҳазор сомонӣ муайян карда шуда, хароҷотҳои хазинавӣ 637,4 ҳазор сомонӣ ё 27,4 фоизи нақша аз худ карда шудааст.

13. Тибқи ҳисоботҳо аз ҳисоби маблағҳои барои саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи "Таҳсилоти касбию-техникӣ ва омӯзиш дар минтақаҳои кӯҳҳии Тоҷикистон") дар давраи дарбаргирии аудит ба суратҳисоби бонкии Лоиҳаи "Таҳсилоти касбию-техникӣ ва омӯзиш дар минтақаҳои кӯҳҳии Тоҷикистон" маблағи 8314,1 ҳазор сомонӣ ҳамчун саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созишнома равона гардидааст.

13.1. Қайд кардан ба маврид аст, ки истифодаи дурустии мабӯғҳои зикршуда дар охири соли 2025 аз ҷониби мутахассисони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳангоми тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии Лоиҳаи “Таҳсилоти касбию-техникӣ ва омӯзиш дар минтақаҳои кӯҳҳии Тоҷикистон”-и назди Кумита мавриди тафтиши пурра қарор гирифтааст.

14. Натиҷаи аудити дурустии истифодаи маблағҳои буҷетӣ баъзе қоидавайронкуниҳои молиявиро аз ҳисоби пардохти музди меҳнати кормандон, пардохти хароҷоти сафарҳои хизматӣ, камомади молу маводи арзишдор ва корҳои таъмиру схтмонӣ муайян намуда, пурра бартараф карда шудаанд.

15. Ба истиснои таъсири камбудию норасоиҳои муайяншуда, аз ҷониби Палатаи ҳисоб ҳисоботи буҷетӣ ва махсус, ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ, ҳисоботҳои молиявӣ ва дигар ҳисоботҳои Дастгоҳи марказии Кумита барои соли молиявии 2024 ва 9 моҳаи соли 2025 шартан мусбӣ арзёбӣ карда шуда, вобаста ба бартараф намудани камбудию қоидавайронкуниҳо ба мақомоти марбута тавсияҳои судманд манзур карда шудаанд.